«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, доктори илмҳои таърих, профессор
_____Ибодуллозода А.И.
30 декабри соли 2022.

ТАҚРИЗИ

муассисаи пешбар ба диссертатсияи номзадии Киромуддинов Зиёрат Қиёмуддинович дар мавзуи «Эҷодиёти Н. С. Тихонов бар мабнои равобити адабии тоҷику рус дар асри ХХ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ.

Мутобиқати муҳтавои диссертатсия бо ихтисос ё соҳаи илм.

Диссертатсияи Киромуддинов Зиёрат Қиёмуддинович дар мавзуи «Эҷодиёти Н.С.Тихонов бар мабнои равобити адабии тоҷику рус дар асри ХХ» дар доираи татбиқи зербанди 4-5-и "Номгӯи самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, №765, аз 4 декабри соли 2014 тасдиқ гардидаст, анҷом дода шудааст, ки он ба банди 5-уми бахши "Соҳаи таҳқиқот"-и шиносномаи ихтисоси 10.01.01-Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ мутобиқат менамояд.

Дар садаи ХХ дар адабиёти ҳамаи ҳалкҳои муқими Иттиҳоди Шуравӣ шакли нави равобити адабӣ ва таъсири мутақобилаи адабиётҳо ба вуҷуд омад, ки он дар инкишофи адабиётҳои миллӣ нақши муҳим бозид. Ин раванд адабиёти халқҳои гуногунро на танҳо аз лиҳози мундариҷа, балки аз нигоҳи анвои жанрӣ, сабку шеваҳои баён ва ҳунари нигорандагии адабӣ ҳам ба якдигар наздик намуд. Дар натиҷа як адабиёти аз лиҳози ормонҳои адабӣ дорои муштарокоти зиёде ба вуҷуд омад, ки он дар илми адабиётшиносии бо номи "Адабиёти халқҳои Иттиҳоди Шуравӣ" ёд мешавад. Ин адабиёт воқеан, дорои вижагиҳои хоси адабию ҳунарӣ ва навҷӯию навпардозиҳои зиёде буд. Аз ин рӯ, метавон таъкид кард, ки омӯзиши ин адабиёт, ошкор сохтани қонуниятҳои инкишофи он, равандҳои таъсироти мутақобилаи адабиётҳои миллӣ дар фазои ягонаи адабии аҳди Шуравӣ аз мавзуъҳои муҳим ва мубрами адабиётшиносии муосир мебошад. Аз ин рӯ, метавон таъқид кард , ки омӯзиши ин адабиёт, ошкор сохтани қонуниятҳои инкишофи он, равандҳои таъсироти мутақобилаи адабиётҳои миллӣ дар фазои ягонаи адабии аҳди Шуравӣ аз мавзуъҳои муҳим ва мубрами адабиётшиносии муосир мебошад. Аз ин

ҷиҳат ҳам метавон диссертатсияи З. Киромуддиновро дар ин самт гоми шоиста ва иқдоми ҷолиби илмию пажӯҳишӣ ҳисобид, ки дар он масоили равобити адабии тоҷику рус дар мисоли эҷодиёти яке аз шоирони шинохтаи рус, ки бо Тоҷикистон ва адибони тоҷик иртиботи пайвастаи дӯстона дошт, матраҳ мешавад. Н.С.Тихонов Тоҷикистон, халқи тоҷик, адибони маъруфи он ва ғайраро аз мавзуъҳои асосии эҷодии худ меҳисобид, дар навбати худ мардуми тоҷик ва хоса, шоирони бузурги он М. Турсунзода, М. Миршакар, Б. Раҳимзода ва дигарон ба ин шоири интернатсионалисти рус эҳтиром доштанд. Ба ҳамин хотир, ашъори зиёди ӯро ба забони тоҷикӣ тарҷума ва нашр менамуданд.

Дар муқаддимаи диссертатсия З. Киромуддинов мубрамияти мавзуъ, навгонӣ, собиқаи омузиши онро таъкид намуда асосҳои назарӣ ва методологии таҳқиқоти худро равшан месозад. Ин шеваи кор барои бонизом ва ба таври амиқу фарогир баррасӣ шудани масоили мавриди назари дессертант муҳим мебошад. Ба таври куллӣ, дар диссертатсия нақшу мақоми шахсият ва эҷодиёти Н.С.Тихонов ва эҷодиёти ӯ дар инкишофи робитаҳои адабии тоҷику рус ба таври илмӣ муайян ва мушаххас карда мешавад.

Саҳми шахси довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳамияти он.

Гирдоварии маводи назариявию адабӣ, интихоби консепсияи умумии дисертатсия, дараҷаи дарку маърифати масоили баррасишаванда, хулосаю натиҷагириҳои илмӣ, муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшаванда, саҳми довталаби дараҷаи илмӣ ва назарари ӯро нисбат ба мавзуи пажуҳиш инъикос менамояд. Илова бар ин, саҳми шахсии муаллиф боз дар он зоҳир мешавад, ки ӯ зимни баррасии масоили гуногуни робитаҳои адабии тоҷику рус саҳми шахсии шоири бузурги рус Н.С.Тихонов ва эҷодиёти ӯро ба таври мушаххас мавриди барраси қарор медиҳад. Махсусан, иртиботи шахсии эҷодии ин шоири тавонои рус бо шоирони бузурги тоҷик М. Турсунзода ва М. Миршакар қобили таваҷҷуҳи мебошад. Нашри мақолаҳои илмӣ, суханрони дар ҳамоишҳои илмӣ ва диссертатсияи мазкур бозтобкунандаи саҳми шахсии муаллиф дар таҳқиқи мавзуи диссертатсия мебошад. Таҳқиқоти мазкур натиҷаи пажуҳишҳои чандинсолаи диссертант буда, он айни замон дар шакли муназзаму мукаммал пешниҳод шудааст.

Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ, ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст.

Диссертатсия дар се бобу даҳ фасл таълиф шуда, аз баррасии муаллиф дар бобҳою фаслҳои он натиҷаҳои мушаххаси илмӣ ба даст омадаанд. Дар боби аввалини диссертатсия, ки "Н.С.Тихонов ва муносибати ӯ дар адабтёти тоҷик" унвон дорад, муҳаққиқ кушиш намудааст, ки мухтасари зиндагинома ва фаъолияти адабии шоири русрро тавзеҳ дода, саҳму нақши уро дар инкишорфи равобиту адабии тоҷику рус дар садаи XX муайян созад. Муҳаққиқ дуруст таъкид намудааст, ки таҳқиқу баррасии ашъори Н.С.Тихонов имкон фароҳам месозад, ки роҷеъ ба фаъолиятҳои густардаи адабию иҷтимоӣ ин шоири тавонои рус қазоват шавад. Дар фасли дуюми боби якум муҳаққиқ муносибат ва назари Н.С.Тихоновро ба адабиёти тоҷик, муносибати ӯро бо шоирони классикию муосири тоҷик баррасӣ менамояд. Дуруст таъкид мешавад, ки Н.С.Тихонов ба адабиёти тоҷик чун адабиёти дорои ғанавоти маънавӣ ва машҳуру маълум рағбати хоса доштааст. Вай ба ҳунару истеъдоди адабии ин халқи куҳанбунёди Шарқ баҳои баланд медиҳад. Н. С. Тихонов дар яке аз навиштаҳояш ба эҷодиёти шоирони бузурги халқи тоҷик баҳои баланд дода менависад: " Аз ин рӯ, сатрҳои пурҳарорати А. Лоҳутӣ , М. Миршакар, Б. Раҳимзода, М. Қаноат дар ин диёр бисёр машҳуранд ва ба дили мардум роҳ ёфтаанд."

Дар ин фасл диссертант масъалаи тасвири Тоҷикистон ва фарзандони барӯманди онро дар эҷодиёти шоири рус муфассал баррасӣ менамояд, ки мисоли равшани ин тасвири корнамоиҳои ҷангии Неъмат Қарабоев дар таълифоти насрии Н. С. Тихонов аст. Ғайр аз ин, шоири рус дар баромадҳои худ дар анҷуманҳои Иттиҳодияи нависандагони ИҶШ дар қатори адибони халқҳои дигар ба эҷодиёти С.Айни, А. Лоҳутӣ, М. Турсунзода, М. Миршакар, С. Улугзода ва дигарон баҳои баланд медиҳанд. Чунонки таъкид мешавад, Н. С. Тихинов ҳам дар асарҳои адабиаш ва ҳам дар баромаду суханрониҳояш. дар ҳамоишҳои гуногун дар мавриди адабиёти гузаштаю мурсири тоҷик андешаронӣ намуда ба шукӯҳу азамати ин махзани бузурги маърифат ва фарҳанги халқҳои Шарқ сари таъзим фуруд меорад. Вай Рудакиро ҳамсафари абадии инсоният мешуморад.

Масъалаи нақши Н.С Тихонов дар инкишофи робитаҳои адабии тоҷику рус ва мукотиботи ӯ бо шоирони тоҷик дар фасли сеюми боби якуми диссертатсия мавриди баррасӣ қарор мегирад.Муҳаққиқ нақши мукотиботи Н.Тихонов ва М.Турсунзодаро дар инкишофи робитаҳои адабии тоҷику рус баррасӣ намуда, ба чунин хулоса мерасад: "Ҳангоми баррасии рузгор ва осори Н. С. Тихонов мактубҳои ӯ ба шоир М. Турсунзода маводи тозае ба мо дод, ки аҳамияти барҷастаро соҳиб

ҳастанд ва яке аз сарчашмаҳои муътамади омӯзиши робитаҳои дӯстии байни Н. С. Тихонов ва М.Турсунзода мукотиботи онҳо ба шумор меравад.” Дар фасли мазкур номаҳои зиёди ду адибони бузург дар робита ба равандҳо ва тавсиаи робитаҳои адабии тоҷику рус мавриди таҳлил қарор мегирад.

Дар боби дуюми диссертатсия муаллиф масъалаи тасвири мавзуи Шарқро дар эҷодиёти Н.С. Тихонов, М. Турсунзода ва М.Миршакар ба таври қиёсӣ ба таҳқиқ гирифтааст. Дар фасли якуми ин боб масъалаи бозтоби мушкилоту муаммоҳои рузгори халқҳои Шарқ дар ашъори Н.Тихонов ба миён гузошта мешавад. Таъкид мешавад, ки ин шоири тавонои рус аз солҳои сиюми қарни ХХ ба мушкилоту масоили иҷтимоии рузгори халқҳои мазлуми Шарқ таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, ҳангоми сафарҳояш ба ин кишварҳо таърих, суннатҳои миллию мардумӣ ва ормонҳои сиёсии онҳоро меомӯзад. Н. Тихонов бештар ба проблемаҳои ҳаёти иҷтимоии халқҳои Шарқ таваҷуҳ намуда, иллатҳои ба ин вартаи иҷтимоӣ афтодани онҳоро ба тасвир мегиранд. Намунаи ин бахши ашъори шоир манзумаи “Сомӣ” мебошад, ки дар он ва вазъи душвори рӯзгори мардуми Ҳиндустон ба қалам дода мешавад. Диссертант ин манзумаро дар муқоиса ба достони “Аз Ганг то Кремл”-и М. Турсунзода баррасӣ менамояд. Ҳангоми таҳлили шеъри “Аз ҷавони орзуи Шарқ мекрадем”-и Н. Тихонов диссертант муносибат ва ишқу алоқаи шоирро ба кишварҳои Шарқ ва мардумони он тавзеҳ медиҳад.

Бояд гуфт, ки осори ба Шарқ бахшидаи шоири рус натиҷа ва бардошт аз сафарҳои ӯ ба ин кишварҳост. Шоир дар аснои ин сафарҳо ҷаҳони нав, урфу одатҳои аҷоиб, табиати зебо ва мардумони худвижаеро кашф мекунад, ки онҳо воқеан, сарчашмаи илҳомаш мегарданд. Дар фасли дуюми боби дуюми диссертатсия масъалаҳои бозтоби мавзуи Шарқ дар эҷодиёти М. Турсунзода ва Н. Тихонов аз нигоҳи ҳамоҳангии дидгоҳҳои адабӣ баррасӣ мешавад. Зимни таҳлили қиёсии шеъри “Дуоб”-Тихонов ва достони “Ҷони ширин”-и Мирзо Турсунзода таъкид мешавад, ки ин ду шеъри бузург ҳамеша аз ашъори ҳамдигар илҳом мегирифтанд ва натиҷа он аст, ки дар ашъори ҳардушяон мавзӯъҳои ҳузнангези иҷтимоӣ ва гуманизми баланди шоирона ба қалам дода мешуд .

Дар фасли сеюми боби мазкур диссертант ашъори ба мавзуи Шарқ бахшидаи М.Миршакарро дар муқоиса бо шеърҳои Н. Тихонов баррасӣ менамоянд, ки он муҳтавои боби мазкурро пурбортар мегардонад.

Масъалаи тарҷумаи осори Н. С. Тихонов бо забони тоҷикӣ ва вижагиҳои адабию ҳунарии кори тарҷумонҳо дар боби сеюми

диссертатсия муфассал мавриди таҳқиқ қарор мегирад. Дар фасли аввали ин боб диссертант вазъи умумии тарҷумаи бадеиро дар адабиёти навини тоҷик тавзеҳ дода, таъкид медорад, ки тарҷумаи бадеӣ ҳамчун воситаи муошираты фарҳангӣ ва мубодилаи арзишҳои адабӣ барои таъсирпазирии адабиёт замина мегузорад.

Мактаби тарҷумаи бадеии тоҷикӣ дар садаи XX воқеан, дар инкишофи насру назми адабиёти навини мо нақши муҳим бозида буд. Неҳзати тарҷума дар адабиёти навини тоҷикӣ асосан, бо ибтикори устодон С. Айнӣ, А. Лоҳутӣ, С. Улуғзода, М. Раҳимӣ, П. Сулаймонӣ, Ҳ. Юсуфӣ, М. Турсунзода ва дигарон шуруъ мешавад ва суннатҳои таҷумонии устодони номбурда дар давраҳои баъди инкишоф ёфта, тадриҷан ба як мактаби муҳими адабию эҷодӣ табдил меёбад. Дар диссертатсияи тарҷумаи осори насрии Н.Тихонов дар фасли алоҳида мавриди баррасӣ қарор мегирад, диссертант очерки "Бодиянишинон", ҳикояи "Хислатҳои одами советӣ", "Ҷанги тан ба тан", "Ҳарбии солхӯрда" ва ғайраҳо, ки аз тарафи нависандагону тарҷумонҳои касбӣ Ҳ. Карим, С. Боғиров, Э. Муллоқандов, Ғ. Мирзо, М. Искандаров, М. Шарифов ва дигарон ба забони тоҷикӣ баргардон шудааст, муфассал баррасӣ намуда ҳусну қубҳи ин тарҷумаҳоро асосан дуруст нишон медиҳад. Дар баробари ин, муҳақиқ тарҷумаи ашъори Н. Тихонов ва вижагиҳои кори мутарҷимонро дар фасли сеюми боби сеюми рисола муфассал тасдиқ менамоянд, Диссертант дар ин фасл баррасиро аз тарҷумаҳои Ғ. Мирзо шуруъ менамояд, ки ин бесабаб нест, зеро ин шоири тавонои тоҷик ҳанӯз аз солҳои панҷоҳи садаи XX ба тарҷимаи шеърҳои Н. С. Тихонов машғул мешавад, ки мисоли он тарҷимаи тоҷикии шеърҳои "Дуоб" "Аз сари Ҳиндукуш", "Ҳинд" ,"Доро", "Сурудҳо", "Мурғон " ва ғайра мебошпд. Зимни баррасии тарҷимаи манзумаи "Дуоб", диссертант ба маҳорати баланди тарҷимонии шоири тоҷик баҳои сазовор дода, таъкид менамояд, ки осори мазкурро Ғ. Мирзо бо як самимияти хос ва дар сабки достонҳои суннатии адабтёти классикӣ ба забони тоҷикӣ тарчума намудааст. Муҳаққиқ равшан менамояд, ки аксари шоирони мутарҷим қолабҳо ва асолати шеъри Н.Тихоновро дар тарҷимаи тоҷикӣ риоят менамоянд, ки ин барои осори тарҷимашаванда муҳим мебошад. Истифодаи қолабҳо ва аркони шеъри суннатии тоҷикӣ ҳангоми тарҷима ба ашъори шоири рус тароват ва зебоии хоси адабию эстетикӣ бахшидаанд.

Ба таври куллӣ, дар диссертатсияи З. Киромуддинов ҳамаи самтҳои фаъолияти адабию эҷодии шоири машҳури рус Н.Тихонов дар робита ба

нақши ӯ дар инкишофи робитаҳои адабии тоҷику рус ба таври муфассал таҳқиқи ва баррасӣ мегардад. Хулосаҳо ва натиҷагириҳои диссертант ҷолиб ва қобили мулоҳиза мебошанд. Аммо бо вуҷуди ин дар диссертатсия баъзе камбудиҳо низ ба назар мерасанд, ки зикрашон ба фоидаи кор хоҳад буд.

1. Дар бахши дараҷаи омӯзиши мавзӯъ муҳаққиқ қисме аз таълифоти илмии мавҷударо танҳо номбар мекунанд, ки ин барои кори илмӣ нокифоя аст.

2. Дар бахши нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда диссертант ба ҷои баёни хулосаҳои консептуалию назарии бахшҳои дисертатсия, онҳоро танҳо номбар ё ба як ҷумла ишора мекунанд, ки ин моҳияти масъаларо равшан намесозад.

3. Дар фасли "Мухтасари зиндагинома ва фаъолияти эҷодии Н. С. Тихонов " масъалаҳо ба таври парешон баррасӣ мешаванд, ки онҳоро бояд ба низом даровард .

4. Дар диссертатсия аз корҳои илмии дар самти робитаҳои адабии тоҷику рус ба анҷомрасонидани муҳаққиқони тоҷик , ки миқдорашон хеле зиёд аст танҳо аз корҳои ду-се нафар ёд мешаваду халос. Муҳаққиқ бояд аз корҳои муҳақиқони маъруфи ин бахши адабиётшиносии тоҷик Ҳ. Шодиқулов, А. Абдуманонов , М. Мизонус, Г. Шоҳидӣ , Ҷ. Саъдуллоев, Ҷ. Бобоқулов ва дигарон истифода мекард.

5. Дар матни диссертатсия ҷумлаҳои таҳрирталаб, хатоҳои имлоию услубӣ ба чашм мерасад, ки онҳоро бояд ислоҳ намуд.

6. Ба назари мо дар боби сеюми диссертатсия, фасли якум , ки "Аз таърихи тарҷума дар адабиёти давраи нави тоҷик " унвон дорад, зиёдатист. Ин як мавуи пурдомана мебошад ва онро наметавон дар 9 саҳифа баррасӣ намуд.

Камбудиҳои зикргардида моҳияти илмии диссертатсияро кам намегардонад. Онҳо ислоҳшаванда буда, ба моҳияти назарию амалии пажуҳиши мазкур халал ворид намесозанд. Автореферати диссертатсия (бо забонҳои русӣ ва тоҷикӣ) таълтфоти илмии дар ин замина ба нашр расонидаи диссертант мазмуну муҳтавои диссертатсияро ба пуррагӣ инъикос ва ифода мекунад. Чунонки аз феҳристи таълифоти З. Киромуддинов бармеояд, ӯ доир ба мавзӯи рисола 7 мақола ба нашр расонидааст, ки 4-тои онҳо дар мачаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд. Дар маҷмуъ, диссертатсияи З. Киромуддинов "Эҷодиёти Н.С.Тихонов бар мабнои робитаи адабии тоҷику рус дар асри ХХ", ки таҳти роҳбарии номзади

илми филология, дотсент Хосият Олимӣ иҷро шудааст, кори илмии тахассусии ба анҷомрасида буда , арзишманд дониста мешавад.

Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ

Диссертатсияи Киромуддинов Зиёрат Қиёмуддинович “Эҷодиёти Н. С . Тихонов бар мабнои робитаи адабии тоҷику рус”ба талаботи бандҳои 31-37-и тартиб додани дараҷаҳои илмӣ , ки ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-июли соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯи ихтисоси 10.01.01-Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгорииТоҷикистон ба номи С.Айнӣ 30 декабри соли 2022, суратҷаласаи № 6 муҳокима ва тасдиқ шудааст.

Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 14-нафар. Натиҷаи овоздиҳи тарафдор 14 нафар , зид нест, бетараф нест .

Раиси ҷаласа:
доктори илми филология, профессор,
мудири кафедраи назария ва таърихи
адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Солеҳов Ш. А.

Эксперт:
номзади илми филология, дотсенти
кафедраи назария ва таърихи адабиёти
Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Саидов С.

Котиби илмии ҷаласа:
номзади илми филология, дотсенти
кафедраи назария ва таърихи адабиёти
Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Шоев А. А.

Имзоҳои Солеҳов Ш. А., Саидов С., ва Шоев А. А.-ро
тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДОТ ба номи С. Айнӣ Мустафозода А.
«30» декабри соли 2022.

Суроғаи муассисаи пешбар:
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121
Тел: +992(37) 224-13-83; +992(37) 224-18-01.
E-mail: info@tgpu.tj; davlatxon-1986@mail.ru
Сомонаи расмӣ: www.tgpu.tj